# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002 назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба диссертатсияи Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич дар мавзуи “Шароити рушди педагогии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯёни факултети химия ва биология (дар мисоли омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

Комиссияи экспертӣ бо Қарори ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002 аз 24.06.2022, №4.1. дар ҳайати 3 нафар тасдиқ шудааст: Ҷумъахон Алимӣ – доктори илмҳои филологӣ, и.в. профессор аз рӯйи ихтисоси 10.02.08- забонҳои эронӣ раиси комиссия; Изатуллоев Куган – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) узви комиссия; Сафарзода Мунир Ватан – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) узви комиссия.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич мубрам ва муҳим арзёбӣ шуда, аз аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии номбурда баҳсро талаб намекунад.

Диссертатсия мутобиқ ба талаботи низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 ба тавсиб расидааст, иҷро шудааст. Кори диссертатсионӣ дар ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети химия, биология ва географияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (Суратҷаласа аз 25.04.2022, №9) муҳокима гардидааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Натиҷаи асосии диссертатсия дар 17–номгӯи интишороти ба табъ расонидаи муаллиф инъикос ёфтааст, ки аз ин шумора 5 ададро дастури методӣ ва дастури таълимӣ, 7 ададро мақолаҳои дар нашрияҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расида ва 5 адади онро нашрияҳо ва маводи конференсияҳои назариявӣ ва илмӣ–таҳқиқотӣ ташкил медиҳанд.

**Мақсади таҳқиқот** аз муайян ва асоснок кардани феҳристи шароити педагогӣ доир ба ташаккулёбии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён мебошад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот:** бо методологияи муносибати эҷодӣ, методикаи таълими ҷамъӣ, исботнокии натиҷаҳои таҳқиқот, маълумоти аз ҷиҳати озмоишӣ бадастомада, таҳлили миқдорӣ

ва сифатӣ, коркарди натиҷаҳои озмоиш, методҳои математикӣ ва оморӣ ва ғайра таъмин шудааст.

1. **Навгониҳои илмии таҳқиқот:** Дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳо самтҳои илмӣ, эҷодӣ, таҷрибавӣ-озмоишӣ ва психологӣ-педагогӣ нишон дода шуд, ки самарабахшии маърифатӣ дар фаъолият ифодашаванда мебошад. Ҳамчунин сифати шахсияти донишҷӯ, тарзи худифодакунонӣ пеш аз ҳама дар ҷараёни таълим ба вуҷуд оварда мешаванд.

2. Рушди фаъолшавӣ дар донишҷӯён, ин рушди тафаккури назариявӣ, ташаккулёбии қобилият ва малакаҳо доир ба азхудкунонии донишҳои нав ва тарзҳои қабули онҳо, ташаккулёбии муносибатҳои мусбиаш ҷиҳати донишандӯзӣ ва роҳҳои фарогирии онҳо ба шумор меравад. Бинобар ин ваҷҳҳо, тағйирот дар хусусиятҳои фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар се самт пешкаш мегарданд: ваҷҳнокӣ, мундариҷавӣ ва иҷрои амалӣ.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои рушд ёфтани ҷанбаҳои педагогии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода шаванд.

Маводи таҳқиқот барои мутахассисони соҳаи педагогика, равоншиносон, муаллимони оянда, устодони донишгоҳҳои омӯзгорӣ ва донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, коллеҷҳои омӯзгорӣ, инчунин, барои омӯзгорон-таҷрибаомӯзони мактабҳои Тоҷикистон ҳамчун дастурамал тавсия мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ** диссертатсионӣ ба мазмуни бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқ мебошанд:

– *банди 3.2* Аппарати консептуалии педагогика, омӯзиши асосҳои методологии таълим ва тарбияи шахс;

– *банди 4.1.* Асоснок кардан ва татбиқ намудани консепсияҳо, системаҳои педагогӣ, таҳқиқоти равишҳои ташкил ва такмили раванди интегралии педагогӣ;

– *банди 7.1.* Ҳаракати навоварона дар таълим, фаъолияти таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ, умумигардонӣ, паҳн ва ҷорӣ намудани навигариҳои педагогӣ;

Диссертатсия ба талаботи банди 53 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкор мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика шаҳодат медиҳад.

Талаботи низомнома дар бораи Шурои диссертатсиониро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич **тавсия медиҳад, ки:**

а) Мавзуи рисолаи номзадии Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич «Шароити рушди педагогии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯёни факултети химия ва биология (дар мисоли омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ)» минъбад : «Шароити педагогии рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ» номгузорӣ карда шавад.

б) Диссертатсияи Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич дар мавзуи «Шароити педагогии рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ» барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

в) ба сифати муассисаи пешбар : **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

г) ба сифати муққаризони расмӣ: **Нугмонов Мансур** – узви вобастаи АТТ, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва **Набиев Ҷурабек Ғаниевич** мудири кафедраи педагогика ва таҳсилоти томактабии Донишгоҳи давлатии Данғара, номзади илмҳои педагогӣ.

Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ,
доктори илмҳои филологӣ,
и.в.профессор — Ҷумъахон Алимӣ

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои педагог,
дотсент — Изатуллоев К.

номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент — Сафарзода М.В.

Имзои Ҷумъахон А., Изатуллоев К. ва Сафарзода М.В.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Амиров .Ф.А.

07.07.2022